# Мавзӯи 6: Криптовалюта

## Маълумоти умумӣ дар бораи криптовалюта

Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва алоқаҳои байналмилалӣ барои пайдоиши объекти нави ҳуқуқи граждани бо номи криптовалюта сабабгор шуданд. Аз пайдоиши криптовалюта тақрибан 10 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, аммо он аллакай бо тариқи васеъ дар муомилотҳо истифода мегардад. Муомилот ва гардиши молу маҳсулот тавассути криптовалюта рӯз ба рӯз афзоиш меёбад. Дар ин ҷараён олимони соҳаҳои гуногун (иқтисод, технология, ҳуқуқ ва ғ.) ба ҷанбаҳои имлию амалии марбут ба истифодаи криптовалюта таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда истодаанд. Барномасозон бештар ба ҷанбаҳои техникии криптовалюта аҳамият медиҳанд, иқтисодчиён ба ҷиҳатҳои боло ва паст рафтани нархи криптовалюта дар бозор назар намуда, ҳатто онро ҳамчун воситаи сармоягузорӣ баҳо медиҳанд. Барои ҳуқуқшиносон, пеш ҳама маълум кардан зарур аст, ки муомилоти криптовалюта то кадом ҳад дар тиҷорати электронӣ қонунӣ ба шумор меравад? Кори мутахасисони соҳаи иқтисод ва технология вобаста ба криптовалюта то дараҷае пеш рафта истодааст, аммо мушкилот бештар ба зиммаи ҳуқуқшиносон зам мегардад. Зеро, ҳар падидаи нав дар ҳуқуқ таҳлил омӯзиш ва танзими натиҷанокро талаб менамояд, ки барои ин кор солҳои тӯлонӣ зарур аст. Вобаста ба криптовалюта ҳам чунин ҳолат дахл дорад.

Мафҳуми қонунии криптовалюта дар қонунгузории давлатҳои ҷаҳон ҳоло муқаррар нашудааст. Дар илми ҳуқуқшиносӣ низ корҳои илмии назаррас дар ин мавзӯъ ба чашм намерасанд. Якчанд мақолаю таҳлилҳо роҷеъ ба криптовалюта вуҷуд дорад, аммо онҳо ҳанӯз пурра табиати ҳуқуқии криптовалюта ва мушкилоти хоси ҳуқуқии онро ҳаллу фасл накардаанд.

Дар аксари сарчашмаҳо чунин фаҳмиши криптовалюта вуҷуд дорад: криптовалюта - ин воҳидҳои ҳисобии электронию рақамӣ буда, дар муомилот бидуни мутамарказ будан ба ягон бонк роҳандозӣ карда шудааст. Онро ҳамчун "дороии рақамӣ"[1] арзёбӣ менамоянд. Айни ҳол муомилоти он аз милиардҳо доллари ИМА боло рафтааст. Криптовалюта намудҳои гуногун дорад (bitcoin, ethereum, ripple, litcoin ва ғ.), ки байни онҳо - биткоин мақоми аввалро касб кардааст.

Олимон се нишонаи криптовалютаро пешбинӣ кардаанд: **1)** ғайримутамарказ будани криптовалюта; **2)** ғайриунвонӣ (анонимность) будани криптовалюта; **3)** набудани кафолат дар криптовалюта[2].

**1)** Ғайримутамарказ будани криптовалюта дар он зоҳир мегардад, ки мақомоти ягонае, ки дар ин ё он давлат криптовалютаро идора ва назорат намояд ё эмитент

---

[1] Ниг.: Криптовалюта (Cryptocurrency). - Реҷаи дастрасӣ: https://en.wikipedia.org/wiki/Cryptocurrency (санаи муроҷиат: 12.06. 2018).

[2] Ниг.: Хидзев А. Т. Криптовалюта: правовые подходы к формированию понятия// Право и современные государства. - 2014.- №4. - С. 11-12.

бошад, вуҷуд надорад. Эмитентҳои криптовалютаҳо (биткоин, litcoin ва ғ.) шахсони алоҳидае, ки якҷоя дар шабака кор менамоянд, мебошанд. Баъзан дар таҷриба, криптовалютаҳое, ки мутамарказ мебошад низ вуҷуд дорад (масалан, OneCoin[3]). Аз ҳамин лиҳоз, ин нишона ба ҳамаи криптовалютаҳо хос нест.

**2)** Ғайриунвонӣ будани криптовалюта маънои онро дорад, ки субъектоне, ки онро дар муомилоти гражданӣ ворид менамоянд, на ҳама вақт ошкор ҳастанд. Аз ҳамин ҷиҳат криптовалютаро баъзан дар аҳдҳои шубҳанок ва ғайриқонунӣ истифода менамоянд, ки он боиси коста намудни рейнтинги криптовалюта мегардад.

**3)** Мавҷуд набудани кафолат дар криптовалюта маънои онро дорад, ки арзиши он дар бозор зуд-зуд пасту баланд мешавад. Ин нишонаи нисбии криптовалюта мебошад. Зеро, кафолати комил дар ягон намуди асъор дида намешавад. Ҳатто асъорҳои дар сатҳи байналмилалӣ истифодашаванда низ зуд-зуд арзишашон пасту баланд мешавад. Илова ба он криптовалюта ҷузъи таркибии тиҷорат аст, ки худи тиҷорат ҳамеша таҳти таъсири таваккал қарор дорад. Аз ҳамин лиҳоз, дар ин ҳолат на аз ҷиҳати “набудани кафолат дар криптовалюта”, балки ба мавҷудияти таваккал дар муомилоти криптовалюта назар намудан зарур аст.

Дарку истифодаи криптовалюта донишҳои муайяни техникиро талаб менамояд, аз ҳамин ҷиҳат истифодабарандагон ва мураттибони он, ки онҳоро “майнингҳо” меноманд бештар барномасозон мебошанд, ки дониши техникӣ доранд. Аммо ба криптовалюта ба тадриҷ дигар субъектон низ одат менамоянд. Барои давлатҳое, ки ҷараёни сармоягузорӣ дар онҳо бо суръати баланд пеш меравад, таъмини шароитҳои ҳуқуқӣ барои муомилоти криптовалюта бисёр муҳим аст, зеро ҳамагуна доройӣ ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқӣ ниёз дорад.

Дар ин ҷараён пеш аз ҳама назди ҳуқуқшиносон саволе пайдо мешавад, ки оё криптовалюта объекти ҳуқуқи гражданӣ ба шумор меравад ё не?

Пеш аз ҳама мекӯшем, ки криптовалютаро бо пул муқоиса намоем. Пул ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ дар КГ ҶТ ба мисли ашё баррасӣ шудааст (м.142 КГ ҶТ), ҳол он ки дар адабиёти ҳуқуқӣ роҷеъ ба ин масъала баҳсҳо зиёданд [4]. Тибқи моддаи 155-и КГ ҶТ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми пулии мамлакатро муайян мекунад ва пули миллии Тоҷикистон воситаи қонунии пардохт ба шумор меравад, ки қабули он аз рӯи арзиши эътибории худ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт бо роҳи ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ сурат мегирад. Ҳолатҳо, тартиб ва шартҳои истифодаи асъори хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонун муайян карда мешавад.

Дар қонунгузорӣ пул ҳамчун ашё баррасӣ мегардад, агар он дар шакли ашё ифода ёфта бошад. Нисбати пулҳои ғайринақдӣ ва электронӣ ҳуқуқи уҳдадорӣ

[3] Ниг.: Саакян А. Г. Криптовалюта как первичный инструмент в формировании валютного регулирования государства // Деньги, финансы и кредит. - 2015. - №4. – С. 17-20.
[4] Ниг.: Лапач В.А. Система объектов гражданских прав. Теория и судебная практика. СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2002. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.allpravo.ru/library/doc99p0/instrum2232/item2249.html (санаи муроҷиат: 11. 02. 2018).

татбиқ мегардад. Яъне, нисбати пулҳои дар шакли ашё ифодаёфта ва ғайринақдӣ асосҳои ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, аммо нисбати криптовалюта дар Тоҷикистон то ҳол ягон санад қабул нашудааст. Он вазифаҳое, ки ба пул хос аст (ченаки арзиш, воситаи пардохт ва захиранамоӣ), нисбати криптовалюта пурра хос нест. Зеро арзиши худи онҳо дар нисбати дигар пулҳо муайян карда мешавад ва ҳангоми ҳисобу китоб дар муомилоти гражданӣ криптовалюта бештар бо доллари ИМА, евро ва дигар асъор ҳисобӣ карда мешавад.

Вазифаи воситаи пардохт низ пурра нисбати криптовалюта пурра татбиқ намешавад. Зеро асъорҳои миллӣ воситаи ҳатмии пардохт ба шумор меравaнд, аммо криптовалюта танҳо миёни хоҳишмандон метавонад дар муомилот бошад.

Вазифаи захиранамоӣ низ бо криптовалюта таваккали калон дорад, зеро на бонк ва на давлате барои оқибатҳои муомилоти криптовалюта масъул нест, то ки кӯшиш намояд, онро дар як сатҳ нигоҳ дорад.

Ҳамин тариқ, криптовалюта вобаста ба реҷаи ҳуқуқиаш ба пулҳои нақдӣ монанд нест, аммо вобаста ба шакл он ба пулҳои ғайринақдӣ ва электронӣ монанд аст. Дар моддаи 152-и КГ ҶТ меъёрҳо доир ба пулҳои ғайринақдӣ омадааст, аммо бевосита ба пулҳои электронӣ ишора вуҷуд надорад. Пулҳои электронӣ низ хусусияти ашёӣ надоранд. Ба онҳо ҳуқуқи уҳдадорӣ хос аст. Ҳамзамон миёни онҳо фарқият ҳаст: барои истифодаи пулҳои электронӣ дар бонк кушодани суратҳисоб шарт нест, дар низоми интиқоли маблағҳо доштани суратҳисоб кифоя аст, ки баъдан оператор хизматрасонии пардохтиро дар шакли фосилавӣ анҷом медиҳад.

Тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ”, “**воситаи электронии пардохтӣ** – восита ва (ё) усуле, ки ба муштарии таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ барои таҳия, тасдиқ ва додани фармоиши пардохтӣ бо мақсади интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҳомили электронии иттилоот, аз ҷумла корти пардохтии бонкӣ ва дигар таҷҳизоти техникӣ имкон медиҳад”. Чуноне, ки дар боло зикр кардем, криптовалюта на асъори миллӣ ва на асъори хориҷист. Ҳар як асъор ё қоғази қимматнок эмитенти худро дорад ва ҳамеша таҳти назорати ин ё он давлат аст, ки ин ҳолат ба криптовалюта хос нест.

Пулҳои электронӣ аз пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ сарчашма мегиранд. Онҳо дар шабакаҳо ва низомҳои интиқоли пулҳои электронӣ бо пулҳои нақдию ғайринақдӣ пардохта мешаванд. Яъне, дар ин ҷараён оператор иштирок менамояд, ки он субъекти маркази муомилот бо пулҳои электронӣ мебошад. Аммо дар муомилоти криптовалютаҳо чунин операторон вуҷуд надоранд. Ҳар иштирокчӣ мустақилона криптовалютаро ба дигар субъект бе иштироки бонк таҳвил медиҳад.

Ҳамин тавр, криптовалюта на ҳамаи нишонаҳои пулҳои нақдӣ, ғайринақдӣ ва электрониро доро аст. Дар баъзе ҳолатҳо байни онҳо умумият вуҷуд дорад, аммо дар ҳолатҳои дигар криптовалюта нишонаҳои ба худ хос дорад. Масалан, ғайримутамарказ будани низоми транзаксия хоси криптовалюта мебошад. Ё ин ки

маҳз тавассути технологияи майнинг шуда, дар муомилот баровардан (вобастагии технологӣ) ва бо тариқи корпоративӣ рушд ёфтан, хоси криптовалюта мебошад.

**Таҷрибаи истифодаи крпитовалюта дар давлатҳои хориҷӣ**

Дар ИМА ташаббус доир ба танзими аҳдҳо тавассути криптовалюта оғоз шуданд. Танзимгарони америкоӣ талаб менамоянд, ки ҳангоми муомилоти аксияҳои рақамӣ, қонун ва қоидаҳои муомилоти саҳмияҳои муқаррарӣ риоя карда шавад. Онҳо ба чунин хулоса замоне омаданд, ки хакерон ҳангоми муомилот бо криптовалюта субъектонро ғорат карданд[5].

Пулҳои электронӣ на танҳо дар сатҳи қонунгузории миллӣ, инчунин дар сатҳои қонунгузории минтақавӣ низ танзим шудааст. Масалан, дар Директиваи Парлумони Аврупо ва Шӯрои Иттиҳоди Аврупо № 2000/46/ЕС аз 18. 09.2000 «Дар бораи таъсис ва фаъолияти ташкилотҳое, ки пулҳои электрониро мебароранд ва назорат аз болои онҳо" се талабот ба пулҳои электронӣ пешбинӣ шудааст: онҳо бояд дар воситаҳои электронии махсус нигоҳдорӣ шаванд; бояд баъди қабули маблағ аз ҷониби эмитент ба миқдори маблағи қабулшуда баровада шавад; бояд ба сифати воситаи пардохт истифодашванда бошад[6].

Агар мо ба қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои гуногун назар намоем, пас маълум мегардад, ки танзими муносибатҳои марбут ба криптовалюта бо тарзҳои гуногун сурат гирифта истодааст. Онҳоро метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд.

Ба гурӯҳи аввал он давлатҳое дохиланд, ки то ҳол ягон чораи ҳуқуқӣ (маҳдудиятҳо ё баръакс шароитҳо ҷиҳати инкишофи муомилоти криптовалюта) нисбати криптовалюта наандешидаанд. Ба ин гурӯҳи давлатҳо Юнон, Португалия ва аксари давлатҳои баъдишӯравиро метавон шомил намуд. Ба гурӯҳи дуюм метавон шомил кард он давлатҳоеро, ки нияти танзим намудани муомилоти криптовалютаро доранд ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар ин самт омода кардаанд - Ҳиндустон, Белгия, Дания, Италия, Украина, Русия, Ветнам, Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва ғ. Ба гурӯҳи сеюм он давлатҳоеро шомил метавон кард, ки аллакай санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар ин самт ҷиҳати муайян кардани реҷаи ҳуқуқии криптовалюта қабул кардаанд - Беларус, Олмон, Британиёи Кабир, Ҳоланд, Норвегия, Финляндия, Сингапур. Қобили зикр аст, ки дар ин давлатҳо нисбат ба криптовалюта танзими ҳуқуқӣ бо тарзҳои гуногун сурат гирифтааст. Масалан, криптовалюта эътироф шудааст ҳамчун: воситаи пардохт ва асъори виртуалӣ (Беларус); пули хусусӣ (Британиёи Кабир, Олмон); дороӣ (актив) (Исроил, Норвегия, Сингапур); воситаи пардохти электронӣ дар соҳаи тиҷорати бозӣ (Испания); воситаи пардохт (Ҳоланд, Финляндия, Швейтсария, Шветсия, Аргентина, Ҷопон, Австралия); мол (Аморати Араб, ИМА, Канада). Баъзе давалатҳо андоз аз арзиши иловашударо нисбати муомилот бо криптовалютаро

---

[5] Ниг.: Шмыров В. Конец бикоина? США взялись за регулирование криптовалют. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.cnews.ru/news/top/2017-07-26_amerikanskie_ vlasti_vzyali s_za_regulirovanie (санаи муроҷиат: 26. 07. 2018).

[6] Ниг.: Гришаев С. Деньги как объект гражданских прав; изменения в законодательстве // Хозяйство и право. - 2014. - №2. –С. 62.

ихтисор кардаанд (Испания, Норвегия, Италия, Швейтсария, Шветсия, Эстония)[7]. Дар Ҷопон аллакай он ҳамчун воситаи пардохт ҳисоб мешавад.

Ҳамзамон ба вуҷуд овардани криптовалюта на танҳо диққати соҳибкорон ва шахсони алоҳидаро ба худ ҷалб кардааст, инчунин баъзе давлатҳо низ ба ин мароқ зоҳир кардаанд. Масалан, Венессуэла ва Эстония нияти баровардани криптовалютаҳои давлатиро доранд[8]. Барои дастгирии ҷараёни коркарди криптовалюта Венесуэла 267 млрд. долл. ҷудо кардааст. Дар ИМА ақидаҳо доир ба ташкил намудани доллари электронӣ пайдо шудааст. Бонкҳои бузурги дунё пешниҳод доир ба баровардани криптовалютаҳои расмии давлатҳоро карда истодаанд.

## Масъалаҳо

**Масъалаи №1.** Аҳмад ба соҳибкории инфирдорӣ машғул буд ва тавассути интернет биткоин харид. Аз сабабе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо биткоин муомилот карда наметавонад, ӯ натавонист биткоини худро сарф намояд. Баъди чанде Аҳмад муфлис шуд. Дар ҷараёни муфлис элон кардани Аҳмад дар суд оё мумкин аст биткоинҳои ӯро ҳамчун мол (актив) ба кредиторон пешниҳод намуд?

**Масъалаи №2.** Самад дорои биткоин мебошад. Ҳангоми ташкил кардани ҶДММ "Садо" ҳамчун муассис оё метавонад, ки биткоинҳои худро ҳамчун саҳм дар ҷамъият гузорад?

## Тестҳо

**№1. Намудҳои криптовалютаро номбар намоед:**

А) Bitcoin;
Б) Ripple;
В) Litcoin;
Г) Ҳамаи ҷавобҳо дуруст аст.

**№2. Хусусиятҳои криптовалютаро номбар намоед:**

А) Ғайримутамарказ будани криптовалюта;
Б) Ғайриунвонӣ (анонимность) будани криптовалюта;
В) Набудани кафолат дар криптовалюта;
Г) Ҳамаи ҷавобҳо дуруст аст.

---

[7] Ниг.: Обзор законодательного регулирования криптовалют в отдельных государствах. – Реҷаи дастрасӣ: file:///C:/Users/ASUS/Desktop/криптовалюта%20в%20стран%20мира.pdf (санаи муроҷиат:: 03.05. 2018).
[8] Ниг.: Ҳамон ҷо.

**№3. Мураттибони криптовалютаро чӣ меноманд?**

А) Бонк;
Б) Эмитент;
В) Майнинг;
Г) Абонент.

**№4. Дар кадом давлат айни ҳол криптовалюта воситаи пардохт аст?**

А) Русия;
Б) Ҷопон;
В) Олмон;
Г) ИМА.

**№ 5. Оё дар Тоҷикистон доир ба криптовалюта ягон санад қабул шудааст?**

А) Қабул нашудааст;
Б) Қабул шудааст;
В) Лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шуда истодааст;
Г) Буд, бекор карда шуд.

## Саволҳои кори хаттӣ:

- Пул ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ.
- Пулҳои электронӣ.
- Хусусиятҳои криптовалюта.
- Фарқи пулҳои электронӣ аз криптовалюта.
- Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ доир ба истифодаи криптовалюта.

## Саволҳои худсанҷишӣ:

Оё криптовалюта объекти ҳуқуқи гражданӣ ҳаст?
Оё криптовалюта мол (актив) ҳисоб мешавад?
Оё криптовалюта дар Тоҷиикстон воситаи пардохт ҳаст?
Оё криптвоалюта эмитенти ягона дорад?
Намудҳои криптовалютаро номбар намоед.

## Адабиёт

Криптовалюта (Cryptocurrency).  - Реҷаи дастрасӣ: https://en.wikipedia.org/wiki/Cryptocurrency (санаи муроҷиат: 12.06. 2018).

Хидзев А. Т. Криптовалюта: правовые подходы к формированию понятия// Право и современные государства. - 2014.- №4. - С. 11-12.

Саакян А. Г. Криптовалюта как первичный инструмент в формировании валютного регулирования государства // Деньги, финансы и кредит. - 2015. - №4. – С. 17-20.

Лапач В.А. Система объектов гражданских прав. Теория и судебная практика. СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2002. – Речаи дастрасӣ: http://www.allpravo.ru/library/doc99p0/instrum2232/item2249.html (санаи мурочиат: 11. 02. 2018).

Шмыров В. Конец бикоина? США взялись за регулирование криптовалют. – Речаи дастрасӣ: http://www.cnews.ru/news/top/2017-07-26_amerikanskie__vlasti_vzyalis_za_regulirovanie (санаи мурочиат: 26. 07. 2018).

Гришаев С. Деньги как объект гражданских прав; изменения в законодательстве // Хозяйство и право. - 2014. - №2. –С. 62.

Обзор законодательного регулирования криптовалют в отдельных государствах. – Речаи дастрасӣ: file:///C:/Users/ASUS/Desktop/криптовалюта%20в%20стран%20мира.pdf (санаи мурочиат:: 03.05. 2018).